**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори МДТ «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Асрорзода У.С.**

**_________________________**

**«____» _______________соли 2026**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика))**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи Ҳусайнзода Р.С. ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)), бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар рушди таърихи илми ҷаҳонӣ саҳми ниёгони тоҷикон дар ташаккул ва инкишофи донишҳои табииву риёзӣ ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. Гуфтан мумкин аст, ки осори риёзии Абурайҳони Берунӣ дар таърихи донишҳои риёзиву табиии асримиёнагии олами ислом ҷойгоҳи хосса дошта, барои ташаккул ва инкишофи баъзе соҳаҳои риёзиёт нақши муассир бозидааст.

Омӯзиши осори риёзии Абурайҳони Берунӣ аз чанд ҷиҳат аҳаммият дорад: а) донистани таърихи ташаккул ва инкишофи баъзе аз қисматҳои илми риёзиёт, ба монанди назарияи ададҳо, алгебра, тригонометрияи ҳамвор, тригонометрияи куравӣ дар асрҳои миёна; б) донистани татбиқи риёзиёт дар ситорашиносӣ, ҷуғрофиё, илми табиӣ ва ғайра; в) идроки

донишҳои математикӣ ибтидо аз замони антиқаю эллинистӣ ва саҳми донишмандони олами ислом, бахусус худи Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи минбаъдаи донишҳои математикӣ; г) ҳамчун мутахассиси таърихи илм шинохтани Абурайҳони Берунӣ; д) комилтар омӯхтани таърихи илму фарҳанг ва тамаддуни халқи тоҷик.

Омӯзиши осори риёзии Абурайҳони Берунӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии таърихӣ-илмӣ ва махсусан донишҳои математикии хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ), хусусан муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК)-и равияи табиатшиносию риёзӣ ва техникӣ таъсири мусбат расонида, барои омӯзиши хосиятҳои илми тригонометрия мавқеи хосаеро ишғол мекунад.

Нуктаи дигари ҷолиби таваҷҷуҳ ва қобили қайд ин аст, ки омӯзиш ва пажуҳиши мавзуи мазкур дар партави дарстуру ҳидоятҳо ва фармони Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба «Эъломияи солҳои 2020-2040 ҳамчун 20-солаи рушди илмҳои риёзиву табиӣ ва техникӣ дар соҳаи илму маориф аз мубрамияти мавзуъ шаҳодат медиҳад».

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки рисолаи мазкур ба яке аз мавзуъҳои рӯзмарраи таърихи математикаи халқи тоҷик ва таърихи математикаи ҷаҳонӣ бахшида шуда, дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва хориҷи кишвар бори аввал ба шумор меравад.

**3. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия Ҳусайнзода Р.С. оварда шудаанд, дорои асосноккуниҳои назариявию амалӣ мебошанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот осори олимону математикони давраҳои гуногун оид ба масъалаҳои риёзии Абурайҳони Берунӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди ин риёзиёт муайян карда шудаанд.

**4. Навгониҳои илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Дар рисола зимни таҳқиқот натиҷаҳои зерин ҳосил гардидаанд.

–таҳаввул ва инкишофи таърихи математика дар мисоли осори риёзии Абурайҳони Берунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–омӯзиши донишҳои риёзӣ тавассути осори Абурайҳони Берунӣ дар ҷараёни таълими математика дар ҷумҳурӣ;

–тайёр кардани мутахассисони соҳаи таърихи математика омили муҳимми инкишофи илму техника дар ҷумҳурӣ;

–ташаккул ва инкишофи донишҳои тригонометрӣ (тригонометрияи ҳамвор ва куравӣ) дар осори риёзии Абурайҳони Берунӣ;

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи Ҳусайнзода Р.С. дар сатҳи назариявӣ ва амалияи рушди соҳаи таърихи таълими математика (геометрия ва тригонометрия) дорои аҳамияти назаррас дорад.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада доир ба таърихи пайдоиш ва рушди илмоҳои табииётшиносӣ донишҳои мавҷударо такмил дода, тасаввуроти илмиро оид ба марҳилаҳои асосии ташаккули ин бахши муҳими математика васеъ менамоянд. Дар диссертатсия саҳми олимони давраҳои гуногуни таърихӣ дар рушди назарияи ададҳо таҳлил гардида, нақши онҳо дар пешрафти илми математика равшан нишон дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи таърихи математика ва осори илмии Абурайҳони Берунӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводи ҷамъовардашуда ва хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд дар раванди таълими фанҳои математика, таърихи математика ва назарияи ададҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ истифода гарданд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои гаҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус,

дастурҳои методӣ, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар истифодаи самараноки натиҷаҳои илмӣ дар соҳаи маориф зоҳир мегардад. Истифодаи маводи таҳқиқот дар раванди таълим метавонад ба баланд гардидани сифати омодасозии мутахассисони соҳаи математика мусоидат намуда, барои рушди захираҳои зеҳнӣ ва иқтидори илмии ҷомеа замина фароҳам оварад. Ин омил дар дарозмуддат ба рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта мусоидат мекунад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар баланд бардоштани сатҳи маърифати илмӣ ва фарҳанги математикӣ ифода меёбад. Омӯзиши таърихи рушди афкори математикӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, эҳтиром ба мероси илмии инсоният ва рушди тафаккури мантиқии омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагон мусоидат менамояд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи донишандӯзӣ ва қадршиносии дастовардҳои илмӣ аҳаммияти муҳим доранд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Ҳусайнзода Р.С. ба натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст овардашуда, ба дастовардҳои олимони соҳаи математика ва роҳу усули он дар саросари ҷаҳон ва барои ҷустуҷуии формулаи умумӣ барои ҳосилкунии формулаҳои ба он алоқаманд аст, баррасӣ шудаанд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф Ҳусайнзода Р.С. дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар ҳаллу фасли масъалаи гузошташуда, таҳқиқоти назариявӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба мафҳуми математика, аз ҷумла таърихи риёзиёт, алгебра, геометрия, тригонометрия, аз замонҳои қадим то муосир фарогир буда, корҳои олимони соҳаи математика таҳлил гардидааст.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 33 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8-тоашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода, манаграфия, 7 дастури таълимӣ ва боқимондааашро маводи конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд, ки аз ин 6-тоаш маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ мебошад. Мақолаҳои тақризшаванда ба мавзуъи кори диссертатсионӣ тааллуқ дошта, дар маҷаллаҳои ба ҳамин самт вобастабуда нашр шудаанд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Мазмуни диссертатсияи Ҳусайнзода Р.С талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотии дараҷаи тахассусӣ ҷавобгӯ буда, масъалаҳои асосии вобаста ба таърихи пайдоиш, ташаккул ва рушди илми риёзиётро фаро мегирад. Дар диссертатсия ҳадаф, вазифаҳо, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиш ба таври мушаххас муайян гардида, натиҷаҳои бадастомада дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ пешниҳод шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», 3 боб, 7 параграф, бахши «Хулосаҳо», «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Феҳристи рӯйхати адабиёт ва таълифоти истифодашуда» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 176 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, фарогири 15 расму 1 ҷадвал ва рӯйхати адабиёти иборат аз 163 номгӯй мебошад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Замони зиндагӣ ва ҳаёту фаъолияти Абурайҳони Берунӣ» ном дошта, дар ин боб доир ба пайдоиш ва рушди

назарияи ададҳо, инчунин корҳои олимони қадим ва асримиёнагии тоҷику форс доир ба назарияи ададҳо сухан меравад. Аз ҷумла:

1. «Вазъи сиёсӣ-иҷтимоии Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XI» мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

2. Мухтасари зиндагиномаи Абурайҳони Берунӣ баррасӣ шудаанд.

3. Мероси илмии Абурайҳони Берунӣ ва феҳрасти осори риёзии ӯ нишон дода шудааст.

Дар натиҷаи таҳлили боби якуми диссертатсия нишон медиҳад, ки Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунии Косии Хоразмӣ (08.09.973, Кос -17.12.1048, Ғазна), новобаста аз ҳаводиси зудтағйирёбандаи Мовароуннаҳри асрҳои X-XI ва гирудори сиёсии замона, дар асри ба истилоҳ, гулгулшукуфӣ ва тиллоии таърихи тамаддуни тоҷикон ҳаёт ба сар бурда, тавассути осори гаронбаҳову гуногунҷабҳааш, ки то имрӯз диққати Берунишиносони ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст ва махсусан осори риёзиаш, натанҳо дар ҷомеаи тамаддуни тоҷикон балки дар таърихи умумибашарӣ ба ҳисоб рафта заминаи устувори илмӣ фароҳам овардаанд., хизмати арзанда намудааст.

***Боби дуюми диссертатсия***, ки «Абурайҳони Берунӣ ва математика» унвон гирифтааст. Олимони он давра ба такмилёбии назарияи ададҳои сода диққати махсус зоҳир намуда, ба дастовардҳои баланди илмӣ ноил гаштаанд. Дар ин самт, дастовардҳои олимони шинохтаи муҳаққиқонро, ки дар бораи осори табиию риёзии Абурайҳони Берунӣ таълифоту таснифоте ба чоп расонидаанд, дар навбати худ ба ду зергурӯҳ тақсим кардан мумкин аст.

Зергурӯҳи аввал ҳамон донишмандоне, ки маълумоти бунёдӣ ва тахассуси таҳқиқотиашон бевосита ба илмҳои тибиию риёзӣ тааллуқ доранд. Масалан, Маршак Б.И., Кисляков Н.А., Ҳабибӣ, А., Юшкевич А.П., Федоров, М.Н., Садыков Х.У., Беленицкий А.М., Розенфельд Б.А., Матвиевская Г.П., Рожанская М.М. , Соколовская З.К., Завадовский, Ю.Н., Леммлейн Г.Г., Фрай Р.Н., Азизов А., Маҷидзода А. ва аз

донишмандони ватанӣ Содыков Ҳ.У., Сираждинов С.Х., Хусейнов К., Акрамходжаев А.М., Комилӣ А.Ш., Рузиев М.А., Ибни Холиқон., Ғиёсзода Х., Давлатзода С.Х., Шарипов Ш., Ислом Ғуломов., Сатторов А.Э., Шодиён М.С., ва дигарон ба шумор меравaнд ва даҳҳо дигаронро қайд намудан бо маврид аст. Аз ҷумла:

1. Нақши тарҷумаҳои осори олимони асримиёнагии тоҷику форс ба забони лотинӣ дар рушди илмҳои математикӣ дар Аврупо нишон дода шудааст.

2. Саҳми математикони аврупоӣ дар такмил ва рушди мантиқ ва назарияи ададҳо баррасӣ гардидааст

Натиҷаи боби мазкур нишон медиҳад, Математика яке аз илмҳои қадимтарин ба ҳисоб ёфта, заминаҳои он ба давраҳои ибтидоии ҷомеаи инсонӣ пайваст мебошад. Ин илм дар Миср шакл гирифта, сипас ба Юнон, Ҳинд, Хитой ва Шарқи наздик интиқол меёбад. То замони Абурайҳони Берунӣ, математика ҳамчун илм шакл гирифта, он ба шохаҳое чун геометрия, алгебра, назарияи ададҳо ҷудо шуда буд.

Абурайҳони Берунӣ муқаддимаи ин илмро аз осори олимони сарзамини Осиёи Миёна гарифта баъдан осори математикии олимони Юнони қадимро омӯхта нахустин ақидаҳои хусусии худро оиди ин илмҳо баён мекунад. Ба фаъолияти математикии Абурайҳони Берунӣ осори математикии Ҳиндустони қадим таъсири амиқ мегузорад. Муддати зист ва фаъолият дар Ҳиндӯстон (қариб 20-сол) буд. Олим бо осори хаттии ҳиндуёни қадим машғул гардида, тавонист онҳоро ҳифз намуда дар асоси онҳо фаъолияти илмии худро роҳандозӣ намояд. Алалхусус «Ҳисоби ҳиндӣ»-ро ба пурраги омӯхта дар таҳқиқи он рисолаҳои илмиеро таҳқиқ мекунанд, ки то ин замон ба касе чунин дастовард насиб нагардида буд. Ӯ нисбати илми математика дар маҷмӯъ ақидаҳои хешро дар китобҳои алоҳида баён намуда, муҳимтар аз ҳама нуқтаи назари хешро дар онҳо баён намудааст.

***Боби сеюм,*** «Нақш ва саҳми Абурайҳони Берунӣ дар геометрия ва тригонометрия» ном дошта, таҳқиқоти олимони тоҷикро доир ба назарияи ададҳои сода, дар бар мегирад. Дар давраи истиқлолият олимони Тоҷикистон такя ба дастовардҳои олимони хориҷи кишвар таҳқиқоти худро дар соҳаи тригонометрия ва геометрия идома дода, ба натиҷаҳои илмии назаррас ноил гардиданд. Аз ҷумла:

1. Вазъи рушди геометрия дар Тоҷикистон ва марҳилаҳои асосии ташаккули он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

2. Нақши олимони тоҷик дар таҳқиқ ва рушди геометрия ва тригонометрия дар давраи муосир таҳлил шудааст.

3. Самтҳои асосии таҳқиқоти олимони тоҷик дар соҳаи системаи риёзиёт муайян карда шудаанд.

4. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муҳаққиқони тоҷик оид ба масъалаҳои нуқта, хат, сатҳ, муайян кардани формулаи тригонометрӣ дар ин самт ва дигар масъалаҳои геомпетрӣ ва тригонометрӣ баррасӣ гардидаанд.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар давраи истиқлолият геометрия дар Тоҷикистон рушди назаррас пайдо кардааст. Олимони тоҷик бо идома додани анъанаҳои мактабҳои илмии пешин ва истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот ба натиҷаҳои арзишманди илмӣ ноил гардидаанд. Дастовардҳои онҳо дар омӯзиши масъалаҳои геометрва тригонометрӣ барои рушди математикаи ватанӣ ва таҳкими мавқеи илмии Тоҷикистон аҳамияти муҳим доранд.

Ҳар як боб бо хулоса ҷамбаст карда шудааст, дар охир хулосаи умумӣ ва тавсияҳо пешниҳод карда шудааст.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферати он ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ» (Фармоиши раиси

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 тахти №493) мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Натиҷаҳои бадастомада эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию таърихӣ асоснок карда шуда, дар сатҳи зарурӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявию таърихӣ ва амалӣ, таъмин аст.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб - Ҳусайнзода Р.С. ба ихтисоси илмии дархостшаванда - 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) мувофиқат мекунад. Муаллифи диссертатсия мазкур Ҳусайнзода Р.С. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Ҳусайнзода Р.С. кори бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта, фарогири аҳамияти зарурии илмӣ аст.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандонаи диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияи ҷузъӣ доранд холӣ нест.

1. Дар рисола доир ба саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна бештар таҳлил карда шудааст, хуб мебуд, ки дар баробари ин осори илмии математтикии олимони дигари тоҷикро низ барраси мешуд хубтар буд.

2. Беҳтар мебуд, ки дар кори илмии таҳқиқотии докторанти PhD дар охири рисола дар замима рисолаҳои риёзию табатиносиии **Абурайҳони Берунӣ – ро** муфассалтар шарҳ медод бозҳам ба манфиати кор хоҳад буд.

3. Дар баробари беҳтар ва муфассалтар навиштани рисола бозҳам баъзе хатогиҳои имловию техникӣ ба чашм мерасад.

Камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти оянда диссертат самаранок арзёбӣ мегарданд.

Автореферати диссертатсия табқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асосонок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Хулоса, диссертатсияи Ҳусайнзода Р.С дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) пешниҳод шудааст, дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 -79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод гардидаст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи информатика ва технологияи рақамии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» Мақсадзода Ҳабибуллоҳ Исмат омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраҳои “Географияи иқтисодӣ ва экология” ва кафедраи ‘Риёзиёт дар иқтисодиёт”-и Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (қарори №11 аз 29 -уми июни соли 2026).

Дар ҷаласаи муштаракӣ кафедраҳои “Географияи иқтисодӣ ва экология” ва кафедраи “Риёзиёт дар иқтисодиёт иштирок доштанд: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёт, номзади илмҳои физика ва математика, дотсент: Палавонов Қ.Қ.

Ташхисгар, номзади илмҳои таърих дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва экология: Мақсадзода Ҳ.И.

Котиби илмии ҷаласа: Н.и.ф.м., дотсент: Валиев Н.Г

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе хиёбони Борбад, 48/5
+992(37)2348802; +993 (37)2348824
rektorate@iutet.tj
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Имзоҳои Палавонов Қ.Қ , Мақсадзода Ҳ.И. ва Валиев Н.Г., - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Шоҳрух

«30» 06 соли 2026